Лоиҳа

Дар бораи Тартиби пешбурди парвандаи шахсии
хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
090.020.030.

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

ф а р м о и ш   м е д и ҳ а м:

1. Тартиби пешбурди парвандаи шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии хизматчиёни давлатиро тибқи талаботи Тартиби мазкур роҳандозӣ намоянд.

3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Фармоишҳои зерини Агентии хизмати давлатӣ аз эътибор соқит дониста шаванд:

- аз 6 августи соли 2008, №3 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008, №435 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст;

- аз 6 июни соли 2017, №69 «Дар бораи тасдиқи шакли Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ».

Директори Агентии хизмати
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон __________Давлатов Ҷумъа Муҳмадалиевич

210824 (АХА)

Замима
ба фармоиши Агентии хизмати
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___»________ соли 20___, №__

# ТАРТИБИ
# ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАИ ШАХСИИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пешбурди парвандаи шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Тартиб) ҷиҳати амалисозии моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия шуда, қоидаҳои аз тарафи раёсатҳо, шуъбаҳо, бахшҳо ё корманди масъули кадрии мақомоти давлатӣ (минбаъд-хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ) тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии хизматчии давлатии шаҳрвандии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мақомоти давлатӣ)-ро аз рӯзи қабул шудан ба хизмати давлатӣ то ба бойгонии давлатӣ супоридани парвандаи шахсии ӯ муқаррар менамояд.

2. Тартиби мазкур нисбат ба хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ низ татбиқ мегардад. Дар парвандаи шахсии хизматчии граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

3.Парвандаи шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - парвандаи шахсӣ) - маҷмӯи ҳуҷҷатҳое мебошад, ки дар онҳо маълумотҳои шахсӣ ва хизматии хизматчии давлатӣ тибқи талаботи Тартиби мазкур нигоҳ дошта мешаванд. Шакли намунавии муқоваи парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ дар замимаи 1 Тартиби мазкур нишон дода шудааст.

4.Парвандаи шахсӣ дорои нишонаи «Барои истифодаи хизматӣ» мебошад ва ошкор намудани маълумотҳои он ба ғайр аз ҳолатҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Тартиби мазкур пешбиникардашуда манъ мебошад.

5. Дар мақомоти давлатӣ барои хизматчии давлатӣ ба ғайр аз ҳолати дар банди 7 Тартиби мазкур нишондодашуда танҳо як парвандаи шахсӣ тартиб дода шуда, пешбурд карда мешавад.

6. Барои ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизматчии давлатие, ки таъини (пешниҳоди) онҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори болоӣ анҷом дода мешавад, парвандаи шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақоми таъинкунанда (пешниҳодкунанда) кушода ва пешбурд карда мешавад.

7. Барои шахсони дар банди 6 Тартиби мазкур нишондодашуда дар мақомоти давлатии ҷои кор аз ҷониби хадамоти кадрӣ парвандаи шахсии иловагӣ кушода ва пешбурд карда мешавад. Дар парвандаи шахсии иловагӣ нусхаҳои ҳуҷҷатҳо аз парвандаи шахсии асосӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ҳангоми пешбурди парвандаи шахсии иловагӣ низ Тартиби мазкур татбиқ карда мешавад.

## 2. НОМГӮЙИ ҲУҶҶАТҲОИ ПАРВАНДАИ ШАХСӢ

8. Дар парвандаи шахсӣ чунин ҳуҷҷатҳо ба фаслҳои зерин тақсим карда шуда, нигоҳ дошта мешаванд:

1) дар фасли I:

- маълумотнома (объективка);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ (шакли намунавии он дар замимаи 2 Тартиби мазкур нишон дода шудааст);
- тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ (шакли намунавии он дар замимаи 3 Тартиби мазкур нишон дода шудааст);
- нусхаи шиносном;
- нусхаи санадҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи дараҷаҳои илмӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи такмили ихтисос;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 038 УЕ (бо шакли аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ кардашуда);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;
- маълумот оид ба таъқиби ҷиноятӣ (суд шудан, қатъ гардидани парвандаи ҷиноятӣ, рад шудани оғози парвандаи ҷиноятӣ).

2) дар фасли 2:

- нусхаи аризаҳо (дар бораи таъин (интихоб) ба мансаб, гузаронидан ба мансаби дигар, озод намудан аз мансаб);
- нусхаи санадҳо (фармонҳо, амрҳо, фармоишҳо, қарорҳо) дар бораи таъин (интихоб, тасдиқ) ба мансаб, гузаронидан ба дигар мансабҳои давлатӣ ва аз мансаб озод намудан;
- иқтибос аз протоколи ҷаласаи комиссияи озмун (барои довталабоне, ки дар асоси озмун ба мансаб таъин карда мешаванд);
- нусхаи розигии хаттии мақомоти давлатӣ барои таъин ва озод намудан (барои роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки таъин ва озод намудани онҳо бо мувофиқа сурат мегирад);
- нусхаи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо хизматчии давлатӣ;
- матни имзошудаи савганди хизматчии давлатӣ;
- забонхат дар бораи ошкор накардани маълумоти дорои сирри давлатӣ ва дигар сирҳои бо қонун ҳифзшаванда.

3) дар фасли 3:

- нусхаи санадҳо (фармонҳо, амрҳо, фармоишҳо, қарорҳо) дар бораи додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва дигар унвонҳои махсус;
- нусхаи санадҳо (фармонҳо, амрҳо, фармоишҳо, қарорҳо) дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- нусхаи санадҳо (фармонҳо, амрҳо, фармоишҳо, қарорҳо) дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва бардоштани муҷозоти интизомӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- варақаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ;
- варақаи аттестатсионӣ;
- нусхаи шартномаи идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи хизматчии давлатӣ (агар чунин ҳуҷҷат бошад);
- эъломия оид ба даромад ва вазъи молумулкии хизматчии давлатӣ;
- варақаи шиносоии хизматчии давлатӣ бо парвандаи шахсӣ (шакли намунавии он дар замимаи 4 Тартиби мазкур нишон дода шудааст);
- номгӯйи ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ (шакли намунавии он дар замимаи 5 Тартиби мазкур нишон дода шудааст);
- маълумотнома оид ба номгӯи ҳуҷҷатҳои (нусхаи ҳуҷҷатҳои) аз парвандаи шахсӣ гирифташуда;
- дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи асл).

9. Ҳуҷҷатҳои дар фасли 1 (ба истиснои маълумотнома (объективка), нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва дафтарчаи меҳнатии дар фасли 3 парвандаи шахсӣ нигоҳдошташаванда аз тарафи ишғолкунандагони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ барои ҳамроҳ кардан ба парвандаи шахсӣ пешниҳод карда мешаванд. Нусхаи ҳуҷҷатҳои бо забонҳои дигар тартибдодашуда якҷоя бо тарҷумаи онҳо бо забони давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои дигари дар банди 8 Тартиби мазкур пешбинигардида, инчунин маълумотнома (объективка) аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ба парвандаи шахсӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

10.Ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида тибқи тартиби муқарраршуда аз ҷониби хадамоти кадрӣ пеш аз ҳамроҳ намудан ба парвандаи шахсӣ санҷида мешаванд.

11.Саҳифаҳои ҳуҷҷатҳои дар парвандаи шахсӣ нигоҳдошташаванда бо қалам рақамгузорӣ карда мешаванд.

12. Ба парвандаи шахсӣ ҳамроҳ намудани дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар Тартиби мазкур пешбинӣ карда нашудаанд, манъ аст.

## 3. ТАРТИБИ ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАИ ШАХСӢ

13.Барои ҳар як хизматчии давлатӣ дар давоми на дертар аз 7 рӯзи қабул шудан ба хизмати давлатӣ парвандаи шахсӣ кушода мешавад.

Минбаъд ҳар як илова низ дар давоми 7 рӯз баъди ба амал омадани тағйирот ба парвандаи шахсӣ ҳамроҳ карда мешавад.

14. Хароҷотҳо оид ба кушодан, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсӣ аз ҳисоби маблағҳои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои соли навбатии молиявӣ анҷом дода мешаванд.

15. Ҳуҷҷатҳо дар ҳар фасли парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ бо тартиби дар банди 8 Тартиби мазкур нишондодашуда нигоҳ дошта мешаванд. Ҳуҷҷатҳо пайдарпай (сол ба сол, моҳ ба моҳ, рӯз ба рӯз) нигоҳ дошта мешаванд.

16.Шаҳрвандон ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли худро пешниҳод менамоянд, ки онҳо бо усули чопи компютерӣ ё дастнавис пур карда мешаванд. Ҳангоми ба дигар мақомоти давлатӣ ба кор гузаштан ва инчунин ҳангоми ба 45 - солагӣ расидани хизматчии давлатӣ варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли ӯ аз нав тартиб дода мешавад. Дар ин ҳуҷҷатҳо ба ихтисори номҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, инчунин ворид намудани ислоҳ роҳ дода намешавад.

17.Дар варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ маълумоти зарурии муқарраргардида нишон дода шуда, расми андозаи 4х6 дар ҷойи муқарраргардида ҷойгир карда шуда, санаи тартиб додани он нишон дода шуда, дурустии он бо имзои шахсӣ тасдиқ карда мешавад.

18.Тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ шарҳи маълумотҳои шахсӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва хизматии хизматчии давлатӣ буда, онҳо мухтасар, дақиқ ва фаҳмо нишон дода мешаванд.

19. Тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ нишондодҳои зеринро дар бар мегирад:

- насаб, ном, номи падар (пурра), рӯз, моҳ, сол, ҷои таваллуд ва баромади иҷтимоӣ;
- насаб, ном, номи падар то давраи иваз намудани он, сана, моҳ ва соли иваз намудан (агар иваз карда бошад);
- таҳсилот, кай ва кадом муассисаҳои таълимиро хатм кардан (номҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳсилот), ихтисоси хизматчии давлатӣ;
- фаъолияти меҳнатӣ (нишондодҳо мувофиқи дафтарчаи меҳнатӣ);
- мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (номи мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ, сана ва асоси гирифтан);
- хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ;
- маълумотҳо оид ба вазъи оилавӣ ва хешовандони наздик (падар, модар, бародарон, хоҳарон, ҳамсар, фарзандон, падару модари ҳамсар бо нишон додани насаб, ном, номи падар, сана ва ҷои таваллуд, дар куҷо ва дар кадом мансаб кор мекунанд, ҷои истиқомат);
- дигар маълумотҳое, ки ворид намудани онҳо зарур шуморида мешаванд.

20. Дар тарҷумаи ҳол санаи тартиб додани он нишон дода шуда, он бо имзои шахсӣ тасдиқ карда мешавад.

21.Назорат аз болои дурустӣ ва пуррагии маълумотҳои варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ ба зиммаи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ гузошта мешавад.

22. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ё бо дархости корманди масъули хадамоти кадрӣ дар утоқи кории хадамоти кадрӣ ё дигар ҷойи муайянкардашуда дар иштироки корманди масъули хадамоти кадрӣ бо парвандаи шахсии худ шинос шавад.

23. Ҳолати бо парвандаи шахсии худ шинос шудани хизматчии давлатӣ дар варақаи шиносоии хизматчии давлатӣ бо парвандаи шахсӣ қайд мегардад.

24. Мақсад аз шиносоии хизматчии давлатӣ бо парвандаи шахси худ аз инҳо иборат аст:

- назорат аз болои дурустии сабти ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ ва иловаҳои ба онҳо воридшуда;
- ошкор намудани зарурати ворид кардани иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ;
- муайян намудани пуррагии ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои нав;
- назорати мувофиқати сабти ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ бо дафтарчаи меҳнатӣ.

25. Ҳангоми бо парвандаи шахсии худ шинос шудани хизматчии давлатӣ аз тарафи ӯ ба ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо манъ аст.

26. Ҳангоми тағйир ёфтан ё иваз шудани маълумотҳои дар варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳол нишондодашуда он аз тарафи хизматчии давлатӣ аз нав тартиб дода шуда, ба хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ барои нигоҳ доштан дар парвандаи шахсӣ супорида мешаванд.

27. Бо мақсади осон намудани истифодаи ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ, онҳо дар номгӯйи ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ бо тартиби пайдарпай (хронологӣ) сабт карда мешаванд. Номгӯйи ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрӣ тартиб дода мешавад.

## 4. ВАЗИФАҲОИ ХАДАМОТИ КАДРИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВОБАСТА БА ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАИ ШАХСӢ

28. Вазифаҳои хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ вобаста ба пешбурди парвандаи шахсӣ аз инҳо иборат аст:

- кушодани парвандаи шахсӣ ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ;
- талаб карда гирифтан ва ба парвандаи шахсӣ ҳамроҳ намудани ҳуҷҷатҳое, ки дар Тартиби мазкур нишон дода шудаанд;
- пешбурди парвандаи шахсӣ тибқи муқаррароти Тартиби мазкур;
- ба парвандаи шахсӣ ворид намудани иловаҳо, аз ҷумла ворид намудани қайдҳои зарурӣ ба дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ;
- таъмини пуррагии ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ;

- таъмини саҳеҳӣ, дурустӣ ва бехато пур кардани ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ;

- нигоҳдории парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ;

- риояи таъмини махфияти маълумотҳои парвандаи шахсӣ;

- риояи тартиби дархост намудан, гирифтан ва ба бойгонии дахлдор супоридани парвандаи шахсӣ;

- бо дархости шифоҳии хизматчии давлатӣ додани парвандаи шахсӣ барои шинос шудан;

- тибқи тартиби муқаррарнамуда ба бойгонӣ супоридани парвандаи шахсӣ;

- иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар Тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди парвандаи шахсӣ пешбинӣ гардидаанд.

29. Роҳбари хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ (корманди масъул) барои пешбурд ва нигоҳдории парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ ва ошкор накардани маълумоти дар парвандаҳои шахсӣ мавҷудбуда масъулияти шахсӣ дорад. Ҳангоми аз мансаб озод шудани роҳбари хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ (корманди масъул) нигоҳдории парвандаҳои шахсӣ ба дигар корманди хадамоти кадрӣ бо тартиб додани санад супорида мешавад.

## 5. ВАЗИФАҲОИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ ВОБАСТА БА ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАИ ШАХСӢ

30.Вазифаҳои хизматчии давлатӣ вобаста ба пешбурди парвандаи шахсӣ аз инҳо иборат аст:

-ба хадамоти кадрӣ пешниҳод намудани варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ, тарҷумаи ҳол ва ҳуҷҷатҳои дигари дахлдор барои сари вақт тартиб додани парвандаи шахсӣ;

- пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдори нав барои дар парвандаи шахсӣ нигоҳ доштани онҳо;

-таъмини саҳеҳӣ, дурустӣ ва бехато пур кардани ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсӣ ва ҳангоми тағйир ёфтан ё иваз шудани маълумотҳои дар варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳол нишондодашуда аз нав тартиб додани онҳо;

- иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар Тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди парвандаи шахсӣ пешбинӣ гардидаанд.

31. Хизматчии давлатӣ барои пурра, дуруст ва воқеӣ будани маълумотҳои пешниҳоднамудааш масъулияти шахсӣ дорад.

## 6. ТАРТИБИ НИГОҲ ДОШТАН ВА БА БОЙГОНӢ СУПОРИДАНИ ПАРВАНДАҲОИ ШАХСӢ

32. Роҳбари мақоми давлатӣ вазифадор аст, ки ба хадамоти кадрӣ

шароити зарурии нигоҳдории парвандаҳои шахсии хизматчиёни давлатиро таъмин намояд.

33. Парвандаҳои шахсӣ дар давраи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар ҷевони махсуси утоқи кории хадамоти кадрӣ бо тартиби гурӯҳбандӣ ба воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии мақомоти давлатӣ нигоҳ дошта мешаванд.

34.Парвандаҳои шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар дафтари бақайдгирии парвандаҳои шахсӣ (шакли намунавии он дар замимаи 6 Тартиби мазкур нишон дода шудааст) ба қайд гирифта мешаванд.

35. Бо парвандаи шахсӣ шахсони зерин ҳуқуқ доранд шинос шаванд:

- роҳбари мақоми давлатӣ, муовинони ӯ;
- шахси масъули хадамоти кадрии мақоми давлатӣ;
- роҳбари воҳиди сохтории мақомоти давлатӣ (роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ);
- аъзои комиссияҳои мақомоти давлатӣ (озмун, аттестатсия, захираи кадрҳо, ҳисоб намудани собиқаи хизмати давлатӣ);
- намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ;
- намояндаи мақомоти давлатие, ки тибқи қонунгузорӣ чунин ваколат дорад.

36. Парвандаи шахсии хизматчии давлатии аз мансаб озодшуда ба ӯ ва ё дигар мақомоти давлатӣ дода намешавад. Аз парвандаи шахсӣ гирифтани ҳуҷҷатҳо, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Тартиби мазкур манъ аст. Ҳангоми аз ҷониби хизматчии давлатӣ ва (ё) мақомоти ваколатдори давлатӣ гирифтани ҳуҷҷатҳо ё нусхаи ҳуҷҷатҳо аз парвандаи шахсӣ маълумотнома оид ба гирифтани номгӯйи ҳуҷҷатҳои (нусхаи ҳуҷҷатҳои) парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ тартиб дода шуда, ба парвандаи шахсӣ ҳамроҳ карда мешавад.

37.Ҳангоми ба мақомоти давлатии дигар ё ташкилоти давлатӣ гузаштани хизматчии давлатӣ бо дархости ӯ ё бо дархости мақомоти давлатӣ ё ташкилоти давлатии ҷои кори ӯ нусхаҳои тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои дар банди 8 пешбинишуда (нусхаи санадҳо (фармонҳо, амрҳо, фармоишҳо, қарорҳо) дар бораи таъин (интихоб, тасдиқ) кардан ба мансаб, гузаронидан ба дигар мансабҳои давлатӣ ва аз мансаб озод намудан, нусхаи санадҳо (фармонҳо, амрҳо, фармоишҳо, қарорҳо) дар бораи додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва дигар унвонҳои махсус, нусхаи санадҳо (фармонҳо, амрҳо, фармоишҳо, қарорҳо) дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд) дода мешаванд. Дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи асл) баъд аз мансаб озод гардидани шаҳрванд дар мӯҳлати пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ба ӯ супорида мешавад.

38. Парвандаи шахсии хизматчии давлатии аз мансаб озодшуда дар хадамоти кадрӣ ва ё бойгонии мақомоти давлатии дахлдор дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта шуда,

пас аз он ба бойгонии дахлдори давлатӣ супорида мешавад. Ҳангоми дар мақомоти давлатӣ мавҷуд набудани шароити таъмини нигоҳдорӣ парвандаи шахсии хизматчии давлатии аз мансаб озодшуда ба бойгонии давлатии дахлдор супорида мешавад.

39.Дар ҳолати азнавташкилдиҳӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳии)-и мақомоти давлатӣ парвандаҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ ба мақомоти давлатии навтаъсис (ворисӣ ҳуқуқӣ) бо тартиб додани санад супорида мешаванд.

40. Дар ҳолати барҳамдиҳии мақомоти давлатӣ парвандаҳои шахсӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба бойгонии давлатии дахлдор супорида мешаванд.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

41. Санҷиши риояи Тартиби мазкур аз тарафи мақомоти болоӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ карда мешавад ва шахсони ваколатдори ин мақомот ҳуқуқи санҷиши ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсиро доро мебошанд.

42. Шахсоне, ки муқаррароти Тартиби мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.



Ҷдоклеоеӣлу
210824 (АХД)

Замимаи 1
ба Тартиби пешбурди парвандаи
шахсии хизматчии давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои истифодаи хизматӣ

Парвандаи
шахсии хизматчии давлатӣ
№______

______________________________
*(насаб)*

______________________________
*(ном)*

______________________________
*(номи падар)*

Санаи оғоз: ____________________

Санаи анҷом: __________________



Шоикапот
210824 (AXA)

Замимаи 2
ба Тартиби пешбурди парвандаи
шахсии хизматчии давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ВАРАҚАИ ШАХСИИ БАҲИСОБГИРИИ КАДРӢ

1. Насаб____________________
Ном____________________
Номи падар____________________
2. Насаб, ном ва номи падар то давраи иваз намудан, сана, моҳ ва соли иваз намудан (агар иваз карда бошад)____________________
____________________
____________________
3. Ҷинс____________________
4. Рӯз, моҳ ва соли таваллуд ____________________

Ҷой барои расм
(ҳаҷми 4/6)

5. Ҷои таваллуд ____________________
(деҳа, шаҳрак, ноҳия, шаҳр, вилоят мувофиқи тақсимоти маъмурию ҳудудии ҷорӣ)
____________________
6. Миллат____________________
7. Шаҳрвандӣ____________________
8. Ҳизбият____________________
9. Донистани забонҳои хориҷӣ____________________
(номи забони хориҷӣ, дараҷаи донистан-ибтидоӣ, озодона, пешрафта)
____________________
10. Таҳсилот____________________
11. Дараҷаи таҳсилот____________________
(магистр, мутахассис, бакалавр)

| Номи муассисаи таълимӣ ва маҳали ҷойгиршавии он | Факултет ё шуъба | Оғози таҳсил | Анҷоми таҳсил ё қатъи он | Агар хатм накарда бошад, курси қатъ намудани таҳсил | Ихтисос бо нишон додани рақами диплом |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

12. Дараҷа ва унвони илмӣ ____________________
13. Корҳои илмӣ ва ихтироот ____________________
____________________
____________________
____________________
____________________

__________________________________________________________________________

14. Ҳолати таъқиби ҷиноятӣ (суд шудан, қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ)________________________________________________

15. Ба идоракунии боваринок супоридани ҳиссаи дар сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилотҳои тиҷоратидошта________________________________________________

16. Гирифтани нафақа________________________________________________

17. Дар дигар ҷой (ду ва/ё зиёда ҷой) кор кардан________________________________________________

18. Фаъолияти меҳнатӣ (ҳангоми пур кардани банди мазкур номгӯи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо тавре номбар шаванд, ки дар вақти фаъолият чунин номгузорӣ шудаанд. Хизмати ҳарбӣ бо нишон додани рутбаи ҳарбӣ, дараҷаи ихтисос ва вазифа сабт карда мешавад).

| Рӯз, моҳ ва сол | | Мансаб бо нишон додани номи мақомоти давлатӣ, корхона, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо | Маҳали ҷойгиршавии мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо |
|---|---|---|---|
| Аз кадом вақт | То кадом вақт | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

19. Такмили ихтисос________________________________________________

| Номи муассисаи таълимӣ, курсҳои такмили ихтисос ва маҳали ҷойгиршавии онҳо | Номи барномаи таълимӣ | Давраи такмили ихтисос | Санади тасдиққунандаи такмили ихтисос |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

20. Будубош дар хориҷа

| Рӯз, моҳ ва сол | | Давлати будубош | Мақсади будубош дар хориҷа (кор, сафари хизматӣ, ҳамроҳ бо ҳайат ва дигар ҳолатҳо) |
|---|---|---|---|
| аз кадом вақт | то кадом вақт | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

21. Интихоб дар мақомоти намояндагии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот

| Маҳали ҷойгиршавии мақоми намояндагӣ | Номи мақомоти намояндагӣ | Ба ҳайси кӣ интихоб шудан | Рӯз, моҳ, соли | |
|---|---|---|---|---|
| | | | интихоб шудан | қатъи ваколат |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

22. Мукофотҳои давлатӣ ____________________________________________
(номи мукофоти давлатӣ ва асоси мукофотонидан)

23. Мукофотҳои соҳавӣ ________________________________________________

(номи мукофоти соҳавӣ, асос ва мақоме, ки кормандро сарфароз намудааст)

24. Уҳдадории ҳарбӣ ва рутбаи ҳарбӣ______________________________________

(ҳайати фармондеҳӣ, сиёсӣ, маъмурӣ ва ғайра, навъи қӯшун)

25. Рутбаи тахассусии хизмати давлатӣ _________________________________

(номи рутба ва санаи гирифтан)

26. Вазъи оилавӣ ҳангоми пур кардани варақаи шахсӣ________________________

(насаб, ном ва номи падари ҳамсар, фарзандон (фарзандхондагон) бо нишон додани сана, ҷои таваллуд ва машғулияти онҳо)

27. Суроғаи ҷои истиқомат__________________________________________

28. Тартибдиҳанда барои пурра, дуруст ва воқеӣ будани маълумотҳои дар варақаи шахсӣ нишондодашуда масъулияти шахсӣ дорад.

«_____» _____________соли 20___ _____________ ______________________________

(санаи пур кардан) (имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

Эзоҳ: Хизматчии давлатӣ уҳдадор аст, ки хадамоти кадриро сариваќт оид ба тағйироти нишондодҳои пешбининамудаи варақаи шахсӣ бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда огоҳ намояд.



[illegible] 010824 ([illegible])

Замимаи 3
ба Тартиби пешбурди парвандаи
шахсии хизматчии давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ТАРҶУМАИ ҲОЛИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

| | |
|---|---|
| 1. Насаб, ном, номи падар, рӯз, моҳ, сол ва ҷои таваллуд<br>2. Насаб, ном, номи падар то давраи иваз намудан, сана, моҳ ва соли иваз намудан (агар иваз карда бошад)<br>3. Таҳсилот, кай ва кадом муассисаҳои таълимиро хатм кардан (номҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсилот)<br>4. Фаъолияти меҳнатӣ (нишондодҳо мувофиқи дафтарчаи меҳнатӣ)<br>5. Мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ<br>6. Хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ | ____________________<br>(насаб)<br>____________________<br>(ном)<br>____________________<br>(номи падар)<br>«___» _________соли 20___<br>(санаи пур кардан) |

7. Маълумот оид ба вазъи оилавӣ ва хешовандони наздик (падар, модар, бародарон, хоҳарон, ҳамсар, фарзандон, падару модари ҳамсар бо нишон додани насаб, ном, номи падар, сол ва ҷои таваллуд, дар куҷо ва дар кадом мансаб кор мекунанд, ҷои истиқомат)
8. Дигар маълумоте, ки сабти онро хизматчии давлатӣ зарур мешуморад

________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

«__»________________соли 20________ ________________________________

(санаи тартиб додан) (имзои шахсӣ)

Эзоҳ: Хизматчии давлатӣ уҳдадор аст, ки хадамоти кадриро саривақт оид ба тағйироти нишондодҳои пешбининамудаи тарҷумаи ҳол бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда огоҳ намояд.

Замимаи 4
ба Тартиби пешбурди парвандаи
шахсии хизматчии давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Варақаи
шиносоии хизматчии давлатӣ ______________________________ бо парвандаи шахсӣ
(насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

| Р/т | Мансаби ишғолнамуда | Санаи шиносшавӣ бо парвандаи шахсӣ | Имзо |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |



[illegible] 21.08.24 (АХЛ)

Замимаи 5
ба Тартиби пешбурди парвандаи
шахсии хизматчии давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Номгӯйи
## ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ

_______________________________________________

(насаб, ном, номи падари хизматчии давлатӣ ва мансаби ишғолнамуда)

_______________________________________________

| Р/т | Номгӯйи ҳуҷҷатҳо | Микдори саҳифаҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Шахси масъул: ________________ (имзо) ______________________________ (насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падар)

Замимаи 6
ба Тартиби пешбурди парвандаи
шахсии хизматчии давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дафтари
бақайдгирии парвандаҳои шахсӣ

| Р/т | Рақами парвандаи шахсӣ | Насаб, ном ва номи падари хизматчии давлатӣ | Санаи оғози парвандаи шахсӣ | Санаи супоридан ба бойгонӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Асосноккунии
лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешбурди парвандаи шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешбурди парвандаи шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири нав) таҳия карда шудааст.

Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2008, №3 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008, №435 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, зиёда аз 15 сол амал мекунад. Давоми ин муҳлат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа тағйиротҳои зиёд ворид карда шуда, зарурати таҷдиди назар намудани санади мазкур ба амал омадааст.

Аз ҷумла, мувофиқи тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 11 марти соли 2010, №603 воридшуда дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ҷорӣ карда шуд, ки натиҷаи он ба парвандаи шахсӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Инчунин, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, дар санади амалкунанда номи қаблии мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ нишон дода шудааст.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1405 «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, дар моддаи 14 нишондод оид ба «делои шахсӣ» ба нишондод оид ба «парвандаи шахсӣ» иваз карда шудааст.

Ҳамзамон, дар лоиҳа талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, №1414 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2021, №268 тасдиқ карда шудаанд ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба назар гирифта шудааст.

Дар робита ба асосҳои нишондодашуда бинобар сабаби аз нисф зиёди санади амалкунандаро фаро гирифтани тағйиру иловаҳо зарурати дар таҳрири нав таҳия намудани Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи

соли 2008, №3 тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008, №435 ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, талаб карда мешавад.

Бо назардошти ҳамин асосҳо тибқи талаботи қисми 1 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи мазкур дар таҳрири нав омода карда шуд.

Дар банди 2 лоиҳаи Тартиби пешбурди парвандаи шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст, ки амали Тартиби мазкур нисбат ба хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ низ татбиқ гашта, дар парвандаҳои шахсии онҳо ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд. Мутобиқи қисми 1 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизматчиёни гражданӣ (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ ба хизматрасонии техникӣ, хоҷагӣ, молиявӣ, дигар таъминоти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ машғуланд. Дар тамоми мақомоти давлатӣ теъдоди муайяни хизматчиёни гражданӣ фаъолият дошта, барои онҳо низ парвандаҳои шахсӣ тартиб дода мешаванд.

Ҳамзамон номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки дар парвандаи шахсӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар банди 8 лоиҳаи Тартиби мазкур такмил шуда, намунаи баъзеи онҳо дар замимаҳо нишон дода шудааст.

Дар банди 16 лоиҳаи Тартиби мазкур пешбинӣ гардидааст, ки хизматчиёни давлатӣ варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли худро метавонанд бо усули чопи компютерӣ ё дастнавис пур намоянд. Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2008, №3 тасдиқ карда шудааст, танҳо усули дастнависи варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳолро муқаррар намуда, дар шакли чопи компютерӣ пур намудани онҳоро пешбинӣ накардааст.

Дар банди 34 лоиҳаи Тартиби мазкур пешбинӣ карда шудааст, ки парвандаҳои шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар дафтари бақайдгирии парвандаҳои шахсӣ (шакли намунавии он дар замимаи 6 Тартиби мазкур нишон дода шудааст) ба қайд гирифта мешаванд. Дар асоси талаботи банди мазкури лоиҳа дар мақомоти давлатӣ дафтари бақайдгирии парвандаҳои шахсӣ ташкил карда шуда, дар он рақами парвандаи шахсӣ, насаб, ном ва номи падари хизматчии давлатӣ, санаи оғоз ва санаи супоридан ба бойгонӣ дарҷ карда мешаванд. Муқаррароти мазкур барои осон кардани кори хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ равона карда шудааст.

Дар банди 35 лоиҳаи Тартиби мазкур доираи шахсоне, ки ҳуқуқ доранд бо парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ шинос шаванд, муайян карда шудааст. Муайян будани доираи шахсоне, ки ҳуқуқ доранд бо парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ шинос шаванд, имконият медиҳад, ки дастрасии дигар шахсон ба парвандаи шахсӣ истисно карда шавад ва маълумотҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ ҳифз карда шаванд.

Дар банди 36 лоиҳаи Тартиби мазкур пешбинӣ карда шудааст, ки парвандаи шахсии хизматчии давлатии аз мансаб озодшуда ба ӯ ва ё дигар мақомоти давлатӣ дода намешавад. Аз парвандаи шахсӣ гирифтани ҳуҷҷатҳо, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Тартиби мазкур манъ аст. Муқаррароти мазкур бо мақсади нигоҳдории ҳуҷҷатҳои парвандаҳои шахсии хизматчии давлатии аз мансаб озодшуда дар мақомоти давлатии дахлдор равона карда шудааст.

Ҳамзамон дар бандҳои 39-40 лоиҳаи Тартиби мазкур номгӯйи мақомоте, ки ҳангоми азнавташкилдиҳӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) ва барҳамдиҳии мақомоти давлатӣ ба онҳо парвандаҳои шахсӣ супорида мешаванд, ба таври мушаххас муайян карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ карда шудааст, лоиҳаи мазкур аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудаанд, ошкор карда нашуд.

Дар робита ба асосҳои дар боло нишондодашуда лоиҳаи мазкур барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон